Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734033, ш.Душанбе, к.Саид Носир 33

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзуи "Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, ки аз рӯи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Рисолаи илмии Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ ба мавзуи "Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия" бахшида шудааст. Муаллиф талабгори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад. Таҳқиқоти илмии пешниҳоднамудаи Давлатзода Ф.М., ба шиносномаи ихтисоси 12.00.14 - Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки ба илмҳои ҳуқуқшиносӣ мансуб аст, мутобиқат намуда, дар доираи мавзуҳои фарогири шиносномаи ихтисоси мазкур анҷом дода шудааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дигаргуниҳои куллии дар охири саддаи XX дар мамлакат ба вуқуъ омада, ки боиси азнавсозии ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, ислоҳоти дастгоҳи давлатӣ, тағйирёбии сифатноки фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ гардид, бешак ба фаъолияти мақомоти прокуратура таъсири амиқи худро расонд. Ислоҳоти соҳаи ҳаёти иқтисодии ҷомеа ба баландшавии сатҳи ҷинояткорӣ, вайронкунии

оммавии қонунгузорӣ, хусусигардонии бошиддати ғайриқонунӣ, поймолсозии ҳуқуқу манифиатҳои қонунии шаҳрвандон, истисмор ва муфлисшавии аҳолӣ ва фалаҷсозии иқтисодиёти давлат оварда расонид. Дар ин росто, бо дарназардошти он ки дар назди мақомоти прокуратураи Тоҷикистон масъулияти таъмини волоияти қонун, ягонагӣ ва таҳкими қонуният, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи ҷомеа ва давлат вогузор аст, талабот ва масъулияти прокуратураро дучанд баланд намуд. Дар замони муосир ҷойгоҳ ва нақши мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳар ҷиҳат афзоиш ёфта истодааст. Ҳамин аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар назди кормандони мақомоти прокуратура 13 марти соли 2018 иброз доштанд, ки «Мақомоти прокуратура яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатдорӣ мебошад, ки фаъолияти он ба ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ошкору пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷинояткорӣ равона гардидааст. Конститутсия назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияву созмонҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҳамчун салоҳияти истисноии прокуратура муқаррар кардааст. Ягон мақом ё шахси мансабдори дигар чунин салоҳияти васеъро надорад. Аз ин рӯ, таъмини қонунияту адолат, амният, сулҳу субот ва ризоият дар ҷомеа аз фаъолияти самараноки мақомоти прокуратура вобаста мебошад».

Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура қисми таркибии вазъи умумиҳуқуқии он мебошад. Вижагии ин ҳолат аз он иборат аст, ки прокуратура дорои аломатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ буда, ваколатҳоеро соҳиб аст, ки дар заминаи онҳо тафовути он аз дигар

мақомоти ҳокимияти давлатӣ зоҳир мегардад. Дар чунин ҳолат масъалаҳои зиёди ҳуқуқии ҷанбаи назариявӣ ва амалидоштае ба миён меоянд, ки омӯзишу пажуҳиши илмиро талаб менамоянд ва дар ин робита таҳқиқи илмии масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура мубрам ва зарур арзёбӣ карда мешавад. Инчунин, зарурияти пажуҳиши мавзуи мазкур ба он вобаста аст, ки ҷиҳати рушди мақомоти прокуратура дар марҳилаи кунунӣ, пеш аз ҳама, таҷрибаи пешқадами ватанию хориҷии аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ислоҳоти минбаъдаи фарогири такмили низом, сохтор, ваколат, иқтидори кадрии он, ки бо пажуҳиши илмӣ асос ёфтаанд, ниёзи аввалиндараҷа дорад. Барои ҳаллу фасли ин вазифаҳо анҷом додани таҳлили амиқи илмии моҳияти фаъолияти прокурорӣ ҳамчун дастгоҳи давлати демократӣ дар шароити навини сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, ба таври назаррас баланд бардоштани мақоми маъмурӣ-ҳуқуқии он ба ҳайси навъи махсуси фаъолияти давлатию ҳокимиятӣ иқдоми басо муҳимму саривақтӣ маҳсуб меёбад.

Бо такя ба гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки таҳқиқоти илмии мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ – вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура бахшида шуда, яке аз аввалин таҳқиқотҳои илмӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Ф.М. аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуъ иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва пайдарҳамии мантиқии таҳқиқот мутобиқат менамояд.

Дар қисмати **муқаддима** мубрамӣ ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи илмии он, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, максаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи он, асосҳои назариявӣ,

методологӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда шуда, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия ба таври мушаххас нишон дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия – **«Асосҳои назариявӣ – ҳуқуқии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура»** ном дошта, ба масъалаҳои дорои хусусияти назариявӣ-ҳуқуқии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура бахшида шуда, фарогири се зербоб мебошад. Дар зербоби якуми рисола «Мафҳум ва мазмуни вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура», вазъи конститутсионӣ – ҳуқуқӣ ва дар доираи он вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур аз ҷиҳати илмӣ ва назариявӣ таҳлил карда шудааст.

Қобили қабул ва дастгирист, ки муаллиф вижагиҳои вазъи маъмурӣ – ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти воқеияти ҳуқуқии мақоми он дар низоми тақсими шохаҳои ҳокимият ва ҳолати конститутсионӣ мавриди пажуҳиши илмӣ қарор дода, қайд менамояд, ки мафҳуми илмии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура вобаста аз мавқеи ишғолнамудаи он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муносибат ва алоқамандии он ба принсипи конститутсионии тақсими ҳокимият, инчунин аломатҳои зерин муайян карда мешавад: а) маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, ки субъекти ҳуқуқи маъмурӣ будани онро тасдиқ менамоянд; б) қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии маъмурӣ; в) шакл ва усули фаъолият, ки прокуратураро ҳамчун субъекти ҳуқуқи маъмурӣ дар муносибатҳои ҷанбаи оммавӣ ва муносибатҳои дигари маъмурӣ-юрисдиксионидошта муаррифӣ менамоянд; г) ваколатҳои дохилинизоми роҳбарӣ, ки тавассути он низом ва сохтори прокуратура идора карда мешавад. (саҳ. 40-41)

Зербоби дуюми боби якуми диссертатсия ба «Равишҳои консептуалӣ оид ба муайян намудани ҷойгоҳи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ» равона шуда, дар он мақом ва ҷойгоҳи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти

давлатӣ баррасӣ ва таҳлил гардидааст. Бо назардошти таҳлили андешаҳои олимони соҳавӣ муаллиф иброз намудааст, ки ба низоми сегонаи конститутсионии ҳокимияти давлатӣ шомил накардани прокуратура мазмуни онро надорад, ки ин мақомот роҳи мустақили инкишофи ҳуқуқиро доро аст ва новобаста аз дигар шохаҳои ҳокимият арзи вуҷуд ва фаъолият менамояд. Он бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ба муносибатҳои ташкилию ҳуқуқӣ ворид мешавад ва дар амалигардонии принсипи тақсими ҳокимият вазифаи муҳимми нигаҳдорӣ ва мувозинатро амалӣ менамояд. (саҳ. 44).

Дар зербоби сеюми боби якуми диссертатсия – «Мазмуни муосири назорати прокурорӣ ва таносуби он бо мафҳуми «назорат»-и иҷрои қонунҳо» падидаи назорати прокурорӣ ҳамчун намуди муҳимтарини назорати давлатӣ ва таносуби он бо мафҳуми назорати иҷрои қонунҳо пажуҳиш гардидааст. Диссертант қайд менамояд, ки дар марҳилаи муосири рушд ва инкишофи мақомоти прокуратура масъалаи гузоштани тафовут ва алоқамандӣ миёни назорат ва контрол дар самти назорати умумии ин ниҳод яке аз масоилҳои асосӣ ҳисобида мешавад. (саҳ. 66, 67, 68-72)

Боби дуюми диссертатсия – **«Ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии мазмуни фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** пажуҳиши масъалаи ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии мазмуни фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегирад, аз чор зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум – «Муносибатҳои ҳуқуқии мартабавӣ (субординатсионӣ) – итоат ва иҷро дар низоми мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаи муносибатҳои ҳуқуқии мартабавӣ – итоат ва иҷро дар низоми мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва таҳлил гардидааст. Ба андешаи муаллиф, дар низоми прокуратураи Тоҷикистон ташкили кор аз рӯйи принсипи яккасардорӣ ба роҳ монда шудааст ва ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқии дохилинизомии

мақомоти прокуратура, аз ҷумла муносибатҳои ташкили фаъолият дорои ҷанбаи идорӣ ва ё маъмурӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. (саҳ. 81).

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия - «Таносуби фаъолияти функсионалӣ ва идоракунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба масъалаи таносуби фаъолияти функсионалӣ ва идоракунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Зимни таҳлили масъалаи мазкур муаллиф зикр мекунад, ки функсия мазмунан ифодагари самти фаъолияти марбут ба амалӣ намудани вазифаҳои дар назди мақомот гузошташуда мебошад. Ваколатҳои функсионалӣ - ин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомот оид ба амалӣ намудани вазифаҳои мақсадноки ба зиммааш гузошташуда доир ба самти фаъолияти он мебошад. Бинобар он, прокуратура барои амалӣ намудани вазифаҳои мақсаднок бо ваколатҳои соф ба мақом ва самти фаъолияташ хосбуда (назоратӣ, ҳамоҳангсозӣ, тафтишотӣ, айбдоркунӣ ва ғайра) муҷаҳҳаз гардонида шудааст. (саҳ. 101).

Зербоби сеюми диссертатсия ба «Хизмати давлатӣ дар низоми мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамои рушди он» нигаронида шуда, хусусиятҳо ва мазмуни хизмати давлатӣ дар низоми мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Боиси таҳсин аст, ки муаллиф дар ин зербоб яке аз масъалаҳои воқеан муҳим ва саривақтӣ – хизмати давлатӣ дар низоми мақомоти прокуратура ва вазъи ҳуқуқии маъмурии хизматчиёни давлатии мақомоти прокуратура, мушкилоти муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар низоми хизмати давлатӣ, хусусан хизмати давлатии мақомоти ҳифзи таҳқиқ намуда, бисёр пешниҳоду тавсияҳои судманд дар самти такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа пешниҳод намудааст. Махсусан андешаи он ки дар қ. 1 м. 53 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (мансаби прокурор, кормандони прокурорӣ - прокурорҳо ва муфаттишон,

инчунин дигар кормандони мақомот ва муассисаҳои илмию таълимии прокуратура, ки рутбаҳои дарачавӣ (рутбаҳои ҳарбӣ) доранд) пешбинӣ намудани меъёри зайл ба мақсад мувофиқ мебошад: «Хизмат дар мақомоти прокуратура, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад». (саҳ.121)

Ҳамчунин, диссертант масоили хизмат дар мақомоти прокуратура, ҷанбаҳои таъминоти кадрӣ дар ин мақомот, тайёркунии кадрҳо ва бозомузӣ, масоили таъминоти иҷтимоии кормандони мақомоти прокуратура ва дигар масъалаҳои ба он алоқамандро омӯхта, пешниҳоди ҷолиб дар бораи таҳия ва қабул намудани «Консепсияи сиёсати кадрӣ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, иброз намудааст, ки қобили дастгирист. (саҳ.134-135)

Дар зербоби чоруми боби дуюми – «Санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқи мазмун ва табиати санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

Муаллиф, қайд менамояд, ки қабул намудани қарори идоракунӣ дар мақомоти прокуратура фаъолияти марҳилавии ҳамаи иштирокдорони идоракунии соҳа буда, барои муайян намудани ҳолатҳои идорӣ ва ҳал намудани масоили ба миёномада равона карда мешавад. Бинобар он, ки прокуратура мақомоти махсусгардонидашудаи назоратии давлатӣ мебошад ва санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқии идории он ба санадҳои эътиноӣ зич алоқаманд мебошанд, ба таври мухтасар табиати ҳуқуқии санадҳои эътиноии прокурор мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. (саҳ.151-156)

Дар боби сеюми диссертатсия – **«Вазъи ҳуқуқии прокурор ҳамчун субъекти мурофиаи маъмурӣ»** ба таҳқиқи махсусияти вазъи ҳуқуқии прокурор ҳамчун субъекти мурофиаи маъмурӣ бахшида шудааст, ки аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум – «Вазъи ҳуқуқии прокурор дар мурофиаи маъмурӣ оид ба баррасии баҳсҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ» масъалаи хусусият ва мазмуни вазъи ҳуқуқии прокурор дар мурофиаи маъмурӣ оид

ба баррасии баҳсҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ пажуҳиш гардидааст. Қайд карда шудааст, ки дар истеҳсолотҳои номбурда нақши прокурор ҳамчун иштирокчии мурофиаи маъмурӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. (саҳ. 160).

Дар зербоби мазкур муаллиф хушбахтона яке аз масъалаҳои муҳимми аҳамияти илмию амалӣ доштаро зери пажуҳиши илмӣ қарор додааст. Ин таҳлили муқоисвӣ-ҳуқуқии мафҳумҳои “мурофиаи маъмурӣ” ва “мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ” дар адабиётҳои илмӣ ва қонунгузории амалкунандаи кишвар мебошад. Дар натиҷаи пажуҳиш, исбот менамояд, ки мафҳуми мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз мафҳуми мурофиаи маъмурӣ маҳдудтар мебошад ва ҳамчун яке аз падидаҳои мурофиаи маъмурӣ қабул карда мешавад (ба монанди мурофаи идорӣ, мурофиаи юрисдиксионӣ ва ғ.). Дар ин замина пешниҳод менамояд, ки бо мақсади мутобиқ сохтани матни меъёри қонунҳои конститутсионӣ дар бораи судҳо ва мақомоти прокуратура аз матни қ. 3 м. 2 Қонуни конститутсионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17 июли соли 2014, №673 ва мутаносибан аз м. 38 «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳо калимаи «ҳуқуқвайронкунӣ» хориҷ карда шавад. (саҳ. 164-165).

Дар зербоби дуюм – «Ҷанбаҳои мурофиавии вазъи прокурор дар пешбурди судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» таҳлили масъалаи иштироки прокурор дар пешбурди судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешниҳод карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, бинобар ба вуқуъ омадани тағйироти ҷиддӣ дар қонунгузории маъмурӣ ва мураккабии он, зиёд шудани шумораи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки аз тарафи судҳо баррасӣ карда мешаванд, зарурати таъмини қонуният ҳангоми баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз тарафи мақомоти

ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор ва судҳо мубрамии хоса ва зарурати воқеӣ пайдо намудаанд. (саҳ. 175)

Пешниҳоди муаллиф оиди қабули Кодекси истеҳсолоти судии маъмурӣ дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон икдоми муҳим ва саривақти буда, ба таҳкими давлати ҳуқуқбунёду демократӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунунии шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва тақвияти ҳокимияти судӣ ва умуман рушди ислоҳоти судии кишвар мусоидат менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Ф.М. пеш аз ҳама дар он ифода мегардад, ки дар он мақсад, вазифа ва масъалаҳои гузошташуда ҳалли пурра ва дурусти худро ёфта, дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи мавриди назар баррасӣ гардидаанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида, ҷанбаҳои ҳам назариявӣ ва ҳам амалии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифтаанд, ки ҳадафҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро таҷассум менамоянд.

Аз рӯи моҳият, мазмун ва хусусияти нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи диссертант, онҳоро метавон ба навгониҳои назарӣ-ҳуқуқӣ, яъне дар заминаи он муаллиф вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, (мақоми умумии конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, таносуби он ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ), хусусиятҳои шакли ташкилӣ-ҳуқуқии идоракунӣ дар мақомоти прокуратураро пешниҳод намудааст, ки аҳаммияти муҳимми илмӣ-назариявӣ доранд ва навгониҳои амалӣ-ҳуқуқӣ, ки дар заминаи он муаллиф як қатор тавсияҳои амалии илман асосноки худро пешниҳод намудааст, ки барои такмили

қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд мусоидат намоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф ошкор гардид, ки нуқтаҳои назар, андешаҳо, нуктаҳои илмии пешниҳодгардида, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ ва мафҳумҳои илмие, ки дар таҳқиқоти худ истифода ва иброз доштааст, аз нигоҳи илмӣ асоснок мебошанд. Зимнан асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳиши назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои алоҳида, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дуранамо ва самтҳои такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, асос меёбанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳамияти илмӣ ва амалии рисолаи Давлатзода Ф.М. пеш аз ҳама дар пешниҳоди тавсияҳо, хусусан пешниҳоди тасияҳо оид ба қабули як зумра консепсия, стратегия ва барномаҳои дахлдори давлатӣ дар самти такмили фаъолияти мақомоти прокуратура, инчунин таҳияи асосҳои илмӣ ва коркарди низоми донишҳои ҷойдошта дар хусуси масалаҳои вазъи ҳуқуқӣ-маъмурии мақомоти прокуратура зоҳир мегардад. Дар баробари ин, маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад ҳамчун сарчашмаи илмӣ барои пажуҳишгарон ва муҳаққиқони соҳа бамомад намояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарзу усулҳои амалӣ намудани вазифа ва функсияи мақомоти прокуратура ва самтҳои

такмили минбаъдаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур муайян карда шаванд.

Қайд намудан зарур аст, ки нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур гардидаанд, метавонанд дар ташаккул ва таҷдиди қонунгузории соҳа, такмили сохтор ва салоҳияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон рушди илми ҳуқуқи маъмурӣ ва таълими он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ саҳмгузор бошанд. Махсусан аз натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқот метавон ба таври густурда дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишкадаҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода намуд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯ доир ба мавзуи диссертатсия дар 8 интишороти илмӣ инъикоси худро ёфтааст, ки аз ҷумлаи онҳо 4 ададашон дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақолаи илмии дигараш бошад дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ-амалӣ чоп шудаанд. Дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф инъикос гардидааст. Интишороти унвонҷу кофӣ буда, ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқ мебошад.

Дар баробари пахлуҳои зиёди мусбӣ ва эътимоднокии диссертатсия дар он, инчунин баъзе масъалаҳои баҳснок ва табиати мубоҳисавӣ дошта ҷой доранд:

1. Муаллиф дар нуктаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшавандаи худ қайд менамояд, ки мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ – мақомоти ҳокимияти назоратӣ-контролӣ мебошад. Баръакси пешниҳоди дуюм ӯ дар нуктаи чоруми ба ҳимоя пешниҳодшаванда менаисад, ки мақомоти прокуратура ваколатҳои иҷроиявӣ-амрдиҳиро

надорад, ба субъектони зериназорати худ тартиби бартараф намудани қонунвайронкуниро пешниҳод карда наметавонад. Ин яке аз элементҳои асосии контрол аст, ки прокуратура онро надорад. Воқеан, муаллиф дар диссертатсия вазъи ҳуқуқии прокуратураро ҳамчун мақомоти ҳокимияти назоратӣ ба таври муфассал таҳқиқ намуда, моҳияти онро нишон додааст. Аммо таҳқиқи масъалаи хислати ҳокимияти контролӣ доштани прокуратура аз ҷониби муаллиф кам ба назар мерасад, аз ин лиҳоз мехостам назари муаллифро вобаста ба он, ки то кадом андоза фаъолияти контролӣ аз ҷониби мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, баён гардад.

2. Дар илми ҳуқуқшиносии муосир ва таҷрибаи амалияи қонунгузории кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ду консепсия ё назария оид ба масъалаи вазъи ҳуқуқии мақомоти пурокуратура ҷой дорад. Гуруҳи якумро ҷонибдорони он ташкил медиҳад, ки доираи ҳуқуқ ва ваколатҳои мақомоти прокуратура дучанд зиёд карда шавад, то ин ки он тавонад ваколатҳои назортии худро бе мамониат амалӣ созад. Ин тамоюл дар давлатҳои пасошуравӣ албатта ба назар мерасад. Гуруҳи дуюмро бошад, баръакс мухолифони он ташкил медиҳад. Ба андешаи онҳо бояд ваколатҳои мақомоти прокуратура кам карда шуда, онҳо бояд гирифта ба суд дода шаванд. Чунки ваколатҳои зиёд доштани прокуратура ба таъмини воқеии адолати судӣ монеа шуда, ба давлати ҳуқуқбунёд созгор нест. Ин хоси давлатҳои аврупои ғарбӣ аст.

Муаллифи диссертатсия низ кушиш намудааст, ки вазъи ҳуқуқии прокуратура баланд бардошта шавад. Барои расидан ба ин албатта якчанд тавсияҳои амалӣ оид ба такмили қонунгузории дахлдори соҳа низ намудааст. Аз ҷумла дар тавсияҳои амалии худ (рақами 12) пешниҳод менамояд, ки ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи алоҳида (м. 485[1]) илова ва дар он барои риоя накардани талаботи ҳуҷҷатҳои мавриди эътинои прокурорӣ (эътироз, пешниҳод, қарор, амр), яъне: вайрон кардани муҳлат, беасос рад намудан

ва бартараф накардани қонунвайронкунӣ ҷазои маъмурӣ пешбинӣ карда шавад ва якчанд пешниҳоди дигар. Ба андешаи мо хуб мешуд, муаллиф пешниҳод менамуд, ки ин ваколатҳо ба суд дода шавад. Ба ҳар ҳол дар ҳимояи ошкоро мавқеи асосноккунандаи диссертантро шунидан мехоҳем.

3. Дар зербоби 2.4. муаллиф масъалаи санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намудааст. Ба андешаи ӯ фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳиятан ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ арзёбӣ гардидааст. То кадом андоза ин ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мувофиқат менамояд, мавқеъ ва шарҳи муаллиф лозим аст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Давлатзода Ф.М. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферати диссертатсия мазмун ва моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ба талаботҳои пешбининамудаи тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу омӯзиш ва баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ

ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи “Вазъи маъмурӣ – ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия” қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон дода, таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии ӯ мебошад.

Диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида ва аз тарафи муаллиф мустақилона таълифшуда мебошад, ки натиҷаҳои он арзиши илмӣ ва аҳаммияти амалӣ доранд. Дар умум диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи бандҳои 32-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он – Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
конститутсионии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Наимов Б.Ғ.

Имзои Б.Ғ. Наимовро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«09» 12 2023 с.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj